# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар мисоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз мавзуъҳои актуалӣ ва ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ-истеҳсолӣ ва талабот нисбат ба тайёр кардани мутахассисон дар шароити нав тағйир биёбад. Дар ин ҳолат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тағйироти куллӣ ба вуқуъ пайвастанд, ки яке аз онҳо ин ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилот мебошад. Дар айни ҳол имконият ба вуҷуд омадааст, ки муассисаҳои таълимӣ ба таври мустақилона дар ҳамаи сатҳҳо сохтор ва мазмуни ҷараёни педагогиро дуруст интихоб ва тарҳрезӣ кунанд, ба муҳасилин иҷозат дода шудааст, ки ҳамзамон ва ё дар муҳлатҳои хеле кӯтоҳ самтҳои иловагии омодагии касбиро аз худ намоянд.

Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи

таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд то андозае аниқ карда шудааст;

- технологияи баргузории машғулияти тарбияи ҷисмонӣ таҳия шуда, хусусиятҳои хоси он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян шудааст;

- технологияи педагогии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи омӯзгорӣ коркард шуда, мавриди озмоиш қарор дода шуд ва самаранокии он дар ташаккули арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит карда шудааст.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди ташаккули фаъолнокии донишҷӯён бо донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, ки аз рӯи ихтисоси «Тарбияи ҷисмонӣ» таҳсил мекарданд, гузаронида шуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил қарор дода шуда, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Шарипов Ҳалим, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Автореферат тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, босаводона ва бо лаҳни равони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои зарурӣ ва асоснок бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо арзиши илмиву амалии диссертатсияро кам намекунанд.

Кори илмии Шарипов Ҳалим мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шуда, кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса, кори таҳқиқотии Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва
бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров Сафарбек

24.11.2023

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

*«Имзои Собиров Сафарбекро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода Манучеҳр